***ТДУ 375.7***
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-1-154-157***

# ОМОДАГӢ БА ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ОМӮЗГОРОН ДАР АСОСИ ҲАМКОРИИ ПЕДАГОГӢ

***Наврузов Эҳсон Мамурович,*** *унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ПОДГОТОВКА УЧИТЕЛЕЙ К ТВОРЧЕСКОЙ РАБОТЕ НА ОСНОВЕ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА

***Наврузов Эхсон Мамурович,*** *соискатель общеуниверситетской кафедры общей педагогики ГОУ "ХГУ имени акад.Б. Гафурова" (Таджикистан,Худжанд)*

# PREPARATION OF TEACHERS FOR CREATIVE WORK IN THE BASIS OF PEDAGOGICAL COOPERATION

***Navruzov Ekhson Mamurovich,*** *claimant for candidate degree of the all-university department of general pedagogy under the SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),* ***E-mail:*** *n.ehson@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *ҳамкории педагогӣ, фаъолияти эҷодӣ, омӯзгор, таълим, мактаб*

*Мақола ба баррасии масъалаи омодагӣ ба фаъолияти эҷодии омӯзгорон дар асоси ҳамкории педагогӣ бахшида шудааст. Қайд мешавад, ки дар замони муосир омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ҳангоми ҷорӣ намудани усулҳои муайяни таълим бо мушкили дучор мешаванд, ки ин ба гуногунии китобҳои таълимӣ ва барномаи таълим вобаста аст. Барои он, ки муаллим мавзӯи дар барномаи таълимӣ бударо таълим диҳад, бояд эҷодкор ва аз технологияҳои нави фаъолияти таҳқиқотӣ бархурдор бошад. Муаллифи мақола омилҳои ташаккули фаъолияти эҷодкорӣ дар асоси ҳамкории педагогӣ муайян намуда, василаҳои беҳбуд бахшидан ба ин ҷанбаи фаъолияти педагогии омӯзгорро тавсия менамояд.*

***Ключевые слова:*** *педагогическое сотрудничество, творческая деятельность, учитель, образование, школа*

*Статья посвящена подготовке педагогов к творческой деятельности на основе педагогического сотрудничества. Отмечается, что в настоящее время преподаватели в общеобразовательных учреждениях сталкиваются с трудностями при реализации тех или иных методов обучения, что связано с разнообразием учебников и учебных программ. Для преподавания учителем того или иного предмета ему необходимо быть творческой личностью и иметь доступ к новым исследовательским технологиям. Автор статьи выявляет факторы формирования творческой активности на основе педагогического сотрудничества и предоставляет рекомендации по совершенствованию этого аспекта педагогической деятельности учителя.*

***Key words:*** *pedagogical cooperation, creative activity, teacher, education, school*

*The article is devoted to the preparation of teachers for creative activity on the basis of pedagogical cooperation. It is noted that in modern times, teachers in general education institutions face difficulties in implementing certain teaching methods, which is associated with a variety of textbooks and curricula. For a teacher to teach a subject in a curriculum, he or she must be creative and have access to new research technologies. The author of the article reveals the factors of formation of creative activity on the basis of pedagogical cooperation and recommends ways to improve this aspect of the teacher's pedagogical activity.*

Фаъолияти эҷодии омӯзгорони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо салоҳияти касбии ӯ робитаи қавӣ дошта, дар муносибати мутақобилаи омӯзгору фазои таълимӣ, муносибати омӯзгор ба фаъолияти хеш, вазъи саломатии ӯ ва саъю кӯшиши омӯзгор баҳри таълиму тарбияи насли нав, омӯзонидани таҷрибаву малакаи хеш, дарки зарурати инкишоф тарзи ҳаёти солим аз ҷониби омӯзгор зоҳир мегардад.

Дар замони муосир мазмуну мундариҷаи раванди таълимро на танҳо ташаккули донишу малакаи донишҷӯён бо мақсади инкишофи минбаъдаи ақида ва ғояҳои онҳо, балки омӯзонидани усулҳо ва воситаҳои мустақилона ба даст овардани донишҳои нав ташкил мекунад. Омодагии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ба фаъолияти эҷодӣ ва истифодаи самараноки иттилооти зиёде, ки аз манбаҳои мухталиф саршор мегардад, яке аз самтҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот маҳсуб меёбад. Бояд гуфт, ки ташаккули шахсияти омӯзгори замони муосир барои ҳалли масъалаҳои умдаи соҳаи маориф, ки дар Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” пешбинӣ шудаанд, аҳамияти назаррас дорад. Нерӯи эҷодии омӯзгори касбӣ ва босалоҳият на танҳо дар кӯшиши ба вуҷуд овардани тамоюли нав, балки , пеш аз ҳама, вобаста ба талаботи замон инкишоф додани маҳорати педагогии хеш зоҳир мегардад.

Имрӯзҳо омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ аксар вақт зимни татбиқи усулҳои муайяни педагогӣ дар раванди таълим бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мешаванд, ки ин ба гуногунии фанҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ боис гардидааст. Омӯзгор бояд аз он технологияҳое, ки ба салоҳияти касбиаш ва усули таълим мувофиқанд, истифода намояд[2,с.161]. Аз ин рӯ, технологияҳои мазкур бояд бо мақсади инкишофи минбаъдаи шахсияти омӯзгори оянда, ва таъмин намудани шароитҳо барои татбиқи нерӯи эҷодии ӯ таҳия гарданд.

Дар назария ва амалияи таълим, ки омӯзиши сарчашмаҳои илмиро ҳамчун фаъолияти эҷодӣ арзёбӣ менамоянд, ихтилофоте муайяне ба вуҷуд меояд. Омӯзгороне, ки масъалагузориро дар таълими фанҳо ҷонибдорӣ мекунанд, дар баробари масъалаҳои назарӣ, инчунин дар бораи таҷрибаи амалӣ баҳс мекунанд, аммо маъмулан далелҳои худро танҳо вобаста ба таълими фанҳои назарӣ собит менамоянд [4,с.127]. Бо вуҷуди таҳқиқотҳои зиёди анҷомдодашуда, дар илми педагогикаи муосир ба масъалаи инкишофи фаъолнокии эҷодии омӯзгори оянда эътибори ҷиддӣ дода нашудааст. То ин имрӯз фаъолияти эҷодии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар контексти низоми анъанавии таълим мавриди арзёбӣ қарор дода мешуд. Аммо дар шароити имрӯзаи инкишофи ҷомеа таҳқиқи масоили мазкур , ба надешаи мо, ҳам дар илми педагогика ва ҳам психология муҳим аст, зеро мактабҳо имрӯз ба омӯзгорони эҷодкоре, ки фаъолияти таҳқиқотиро сармашқи кор худ қарор дорад, ниёзманд аст.

Ба омӯзиш ва таҳқиқи масоили фаъолияти эҷодиии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ асарҳои илмии олимону педагогон, ба монанди А.М. Матюшкин, Л.С. Беляева, Я.И. Пономарев, А.В. Петровский, М.Г. Ярошевский, В. С. Кагерманян, В. К. Мариҕодов, А.А. Слободянюк, М.Г. Гарунов, А.Я.Савелев, М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, И.Х.Каримова ва дигарон бахшида шудаанд. Дар соҳаи педагогика асарҳои зиёди илмие мавҷуданд, ки ба масъалаи тарбияи кӯдакон ва насли наврас дар заминаи усулҳои мушаххаси ташкили таълиму тарбия ихтисос доранд. Дар таҳқиқотҳои мазкур, асосан, таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва омӯзишгоҳҳои касбӣ баррасӣ шудааст, таҷрибаи мактабҳои олӣ бошад, дар сатҳи зарурӣ мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки дар раванди омода кардани омӯзгорони муассисаҳои маълумоти миёнаи таҳсил байни мӯҳтавои маълумоти ибтидоӣ ва таъмин нагардидани шароити таълим барои ташаккул ва инкишофи фаъолияти эҷодии омӯзгорон дар муассисаҳои маълумоти миёна ихтилофот ба назар мерасад. Аз ин нуқтаи назар, дар педагогикаи муосир яке аз масъалаҳои муҳим – тарбияи омӯзгорони дорои малакаҳои таҳия ва ташкили чорабиниҳои таълимӣ ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим маҳсуб меёбад.

Омӯзиш ва баррасии адабиёти илмӣ собит менамояд, ки дар таҳқиқотҳои олимони соҳаи педагогикаи тоҷик, ки ба масъалаи омода кардани омӯзгорон ба фаъолияти таҳқиқоти ва эҷодӣ бахшида шудаанд, ба масоили зеринро эътибор дода шудааст:

- ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотӣ ва касбии омӯзгорони оянда дар низоми мактаби олӣ;
- ворид намудани мафҳуми фарҳанги пажӯҳишии омӯзгор ҳамчун маҳаки фаъолияти инноватсионӣ ва педагогии омӯзгори оянда;
- иттилоотонии фаъолияти таҳқиқотии донишҷӯён дар низоми маълумоти олии касбӣ ;
- моҳияти шахсияти омӯзгор-муҳаққиқ ва махсусиятҳои шаклҳои фаъолият.

Яке аз воситаҳои муосири муайянсозии муҳтавои раванди таълим– таҳияи моделҳои фаъолияти касбии омӯзгор дар мактабҳо, ба ибораи дигар таҳияи модели инноватсионии озмоишӣ оид ба омода кардани омӯзгорони босалоҳият маҳсуб меёбад. Модели мазкур ба заминаи консептуалии маълумоти олии касбӣ асос ёфта, масъалаҳои зеринро ҳаллу фасл менамояд:

- коркарди маҷмӯи машқу супоришҳои махсус барои ҳосил намудани малакаҳои зарурӣ;
- муайян намудани нақши онҳо дар мӯҳтавои таълимӣ;
- ворид намудани тағйирот ба нақша ва барномаҳои корӣ;
- ҳалли вазифаҳои ғайримуқаррарӣ дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ.

Модели нави коргоҳи эҷодӣ – модели ба ғояҳои инсондӯстӣ асосёфтаи таълиму тарбия мебошад, ки барои таҳкими худшиносӣ ва худмуайянсозӣ мусоидат менамояд.

Барои омӯзгорони оянда коргоҳи (лабораторияи) эҷодӣ–мактаби муҳим ва арзишманд мебошад, ки афзалияти асосии он дар таъмин намудани донишҳои ибтидоӣ ва тарбияи хислатҳои равонӣ, аз қабили суботкорӣ, дарки муҳимияти ба даст овардани натиҷаҳои назаррас, қобилияти пешбурди фаъолияти хеш, ба даст овардани донишҳои нав ва истифодаи самараноки онҳо зоҳир мегардад. Мусаллам аст, ки аз сатҳу савияи донишу малакаҳои омӯзгорони оянда, ки дар раванди таълим ҳосил мешаванд, нерӯи минбаъдаи эҷодӣ ва самаранокии фаъолияти онҳо вобаста аст. Бо ташкили коргоҳи инноватсионӣ, омӯзгор метавонад масъалаҳои назарӣ ва амалиро муваффақона ҳал намуда, усулҳои зарурии таҳқиқоти илмиро бо мақсади омӯзиши дақиқ ва ҳамаҷонибаи зуҳурот ва объектҳои мухталиф истифода намояд ва ба хулосаҳои муҳими илмӣ соҳиб гардад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҷомеаи педагогии муассисаҳои таълимӣ аз усулҳои таҳлил ва арзёбии қобилияти эҷодии омӯзгор бархурдор нестанд. Аз ин рӯ, чуноне, ки таҷрибаҳо нишон медиҳанд, аксар вақт зимни арзёбии маҳорати касбии омӯзгорони эҷодкор ҷомеаи педагогии мактабҳо ва мақомотҳои назоратии соҳаи маориф, на ба таҷрибаи илмӣ ва хулосаҳои мантиқӣ , балки ба мушоҳида ва ҳиссиёти худ такя мекунанд, ки қобили қабул нест[6, с.192].

Аз ин нуқтаи назар, бо мақсади дуруст арзёбӣ намудани қобилият ва эҷодкории омӯзгорон, бояд тавсияҳои илмиву амалӣ оид ба баҳогузории фаъолияти педагогии омӯзгор таҳия карда шаванд, ки барои коркарди механизми инкишофи нерӯи эҷодии омӯзгор хеле муҳиманд. Бинобар ин, имрӯз масъалаи ташкили курсҳои махсуси омӯзишӣ ва практикумҳо барои директорони мактабҳо бо мақсади омӯзонидани усулҳо ва равишҳои арзёбии ташаккули фаъолияти омӯзгорони мактабҳо ба миён меояд. Ба андешаи мо, усули инноватсионии раванди таълим метавонад ба ҳайси омили муҳими баландбардории сифати донишу малакаҳои педагогӣ баромад кунад. Раванди таълими мактабҳо наметавонад ба ягон догма ва қолаби шахшуда асос ёбад, зеро он ҷараёни доимо инкишофёбанда ва гуногунҷабҳаест, ки натиҷаҳои он наметавонад дар чаҳорчӯбаи муайян маҳдуд бошанд ва тавассути ҳисоботҳои “хушк” тавсиф ёбанд. Бинобар ин, таъмин намудани шароитҳои зарурӣ барои такмили раванди таълиму тарбия ва истифодаи ҷасуронаи технологияҳои муосир аз масъалаҳои муҳими соҳаи педагогика маҳсуб меёбад.

Ба андешаи мо, ба сатҳи омодагии ҷомеаи педагогӣ дар самти гузариш ба раванди татбиқи технологияҳои нави таълим омилҳои зерин метавонанд таъсироти муайян расонанд:

1. Омилҳои мусбӣ: Омода будани маъмурият ва аъзоёни ҷомеаи педагогӣ ба таҳлил ва арзёбии воқеии вазъи раванди таълим ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба гузаронидани тағйирот дар муҳити таълимӣ. Қобилияти ҳамкорӣ кардан зимни ҳалли вазифаҳои ҳалталаб ва пешбарии роҳбари кордон. Низоми самараноки маълумоти иловагӣ. Мавҷудияти анаъана ва навоварӣ дар низоми таҳсилоти вариативӣ. Мавҷудияти таҷрибаи иштироки педагогон дар озмунҳои мухталифи маҳорати касбӣ; иштироки бештари омӯзгорон дар муаррифӣ ва паҳн кардани таҷрибаи педагогӣ . Талаботи волидайн ба маълумоти фундаменталии босифат. Мавҷудияти коркардҳои самараноки инноватсионӣ.Ташкил ва баргузории семинарҳои илмиву-методӣ.Ташкили “ҳайати бонуфуз” аз шумори омӯзгорони ҷомеаи педагогӣ бо мақсади татбиқи равиши “донишомӯзӣ ” ҳамчун мақсади асосии раванди таълим.

2. Омилҳои манфӣ: ҷонибдории қисми зиёди омӯзгорони ҷомеаи педагогӣ аз истифодаи усулҳои анъанавии таълим дар ҳалли вазифаҳои нави раванди таълим ва қабул накардани муҳимияти ворид намудани дигаргуниҳо дар муҳити таълим;

- сербории омӯзгорон. Қисми зиёди омӯзгорон зиёда аз 1,5 воҳиди корӣ сарборӣ доранд;
- кам будани миқдори мутахассисони ҷавон, ки кӯшиши комёб шудан ба натиҷаҳои назаррас доранд, зиёд будани миқдори омӯзгорони синну солашон калон;
- иштироки нокифояи омӯзгорон дар фаъолияти таҳқиқотӣ;
- набудани роҳбари беруна;
- сатҳи пасти иштироки омӯзгорон дар озмунҳои педагогӣ, паҳн кардани таҷрибаи пешқадами педагогӣ, дар рушду такомули маҳорати касбӣ;
- ҷонибдорӣ накардани навгониҳо аз тарафи қисми зиёди омӯзгорони ҷомеаи педагогӣ, шаклпарастии маҳз дар фаъолияти педагогии онҳо, дуруст дарк накардани мӯҳтавои навгониҳои татбиқшаванда;

- Татбиқи якчанд талаботҳо доир ба натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ дар асоси талаботҳои нави Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ;
- номутаносибии омодагии омӯзгорон барои татбиқи технологияҳо ва иҷрои барномаҳо ;

Бояд гуфт, ки дар рафти татбиқи технологияҳои муосири педагогӣ омӯзгорон асосан бо мушкилоти зиёде, ки бо масъалаҳои методӣ алоқаманд аст, дучор мешаванд, аз ҷумла:

- омода набудани педагогон ба ташкили раванди таълим дар мактабҳо мутобиқ ба талаботҳои технологияҳои муосири педагогӣ;
- мавҷуд набудани таҷрибаи кофӣ дар коркарди қисматҳои барномаи асосии раванди таълим(барномаи таълимӣ, барномаҳои фанҳои алоҳидаи таълимӣ, курсҳо, фаъолияти берун аз синфӣ);
- паст будани сатҳи таъминоти методӣ вобаста ба масоили комёб шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ ва арзёбии онҳо;
- татбиқи усулҳои анъанавии тадриси фанҳо, ки солҳои зиёд мавриди истифода қарор дорад.

Ҳамин тавр, инкишофи фаъолнокии эҷодӣ ва касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна тавассути воситаҳои педагогӣ ба вуҷуд овардани шароитҳои зарурииро барои истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар раванди таълим тақозо менамояд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Абульханова-Славская К. А. Стратегия жизни/К.А.Абулханова.- М.: Мысль, 1991. - 302 с.
2. Амонашвили, Ш.А. Воспитательная и образовательная функция оценки учения школьников/ Ш.А. Амонашвили.-М.: Педагогика, 1984. -298 с.
3. Бабанский, Ю.К. Избранные педагогические сочинения/ Бабанский, Ю.К.-М.,1988.
4. Богданова, Е.Ф., Сарсекеева Ж.Е. Сущность понятия «творческий потенциал»: философский, психологический и педагогический аспекты. URL:http://www.rusnauka.com/17_PMN_2014/Pedagogica/3_171714.doc.htm (дата обращения: 05.07.2019)
5. Ларин, А.Е. Воспитание творческой активности учащихся ПТУ/А.Е.Ларин.- М.: Высш. шк. — 1990. — 206 с.
6. Лутфуллоев, М. Маърифат асоси рушди чамъият (Матн)/ М.Лутфуллоев, Ф.Шарифов. — Душанбе: Сахбо, 2004. - 65с.
7. Шарифзода, Ф. Масоили мубрами таҳқиқоти педагогикаи муосир/Ф.Шарифзода.- Душанбе “Ирфон”-2016. -63с.


## REFERENCES:


1. Abulkhanova, Slavskaya K. A. Life strategy / K. A. Abulkhanova. - M.: Thought, 1991. - 302 p.
2. Amonashvili, Sh.A. The upbringing and educational function of assessing the teaching of schoolchildren / Sh.A. Amonashvili. - M.: Pedagogy, 1984. - 298 p.
3. Babansky, Yu.K. Selected pedagogical works / Yu.K. Babansky. - M., 1988.
4. Bogdanova, E.F., Sarsekeeva Zh.E. The essence of the concept of "creativity": philosophical, psychological and pedagogical aspects. URL: http: //www.rusnauka.com/ 17_PMN_2014/Pedagogica/ 3_171714. doc.htm (date of access: 07/05/2019)
5. Larin, A.E. Education of creative activity of vocational school students / A.E. Larin. - M .: Higher. school - 1990. - 206 p.
6. Lutfulloev, M. Education is basis of social development [Text] / M. Lutfulloev, F. Sharipov. - Dushanbe: Sahbo, 2004. – 65 p.
7. Sharifzoda, F. Current issues of research in modern pedagogy / F. Sharifzoda.- Dushanbe: Cognition, -2016. – 63 p.